# Тақризи

муқаррризи расмӣ ба рисолаи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов» (ҷанбаи лингвистӣ), ки барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст.

Дар айни замон, яъне дар даврони соҳибистиқлолии кишвар, яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷик масъалаи истиқлолияти забони илмро соҳиб шудани забони тоҷикӣ, аз ҷумла бунёди системаи терминология ва роҳҳои истилоҳсозӣ ва танзиму ҳамгунсозии истилоҳоти илмӣ ба шумор меравад. Аксари донишмандон бар ин назаранд, ки яке аз сарчашмаҳои асосии ташаккули истилоҳоти илмӣ ва системаи терминологияи забони миллӣ ин вожаҳои аслӣ ва истилоҳоти куҳани забони адабӣ аст. Забони тоҷикӣ дар радифи он забонҳое қарор дорад, ки таърихан истилоҳоти фаровони илмӣ, аз ҷумла истилоҳоти тиббиро дар ихтиёр доранд. Аз ин рӯ, тавассути омӯзиш ва пажуҳиши осори илмии даврахои муайяни таърихӣ, ё асари ягон муаллифи мушаххас метавон ҷиҳатҳои умда ва муҳимми лексикиву семантикӣ, грамматикӣ ва услубии забони адабиро муқаррар карда, дар роҳи рушду нумӯи забони адабӣ ба таври муассир истифода намуд. Солҳои охир, дар баробари мавриди таҳқиқ қарор додани осори бадеии адибону нависандагон, оид ба паҳлӯҳои гуногуни осори илмии классикӣ, аз ҷумла осори тиббӣ низ таҳқиқотҳои пурарзише анҷом дода шуда, роҳҳои истилоҳсозиву истилоҳнигорӣ ва истилоҳофаринии забони тоҷикӣ ташхис карда мешавад, ки ин амр маҳз дар шароити кунунӣ метавонад барои муайян кардани роҳҳои истилоҳсозӣ, истилоҳофарӣ, танзим ва ҳамгунсозии истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ ба таври наку мусоидат намояд.

Таълифоти илмии донишмандони соҳаи тибби тоҷик, аз қабили Расулӣ М.Я. ва Ҳ. Зоҳидов ба таври бояду шояд мавриди баррасӣ қарор нагирифтаанд, ки бешубҳа сарчашмаи мўътамад ва калидии

ғанӣ гаштану танзим ва ҳамгунсозии истилоҳоти соҳаи тиб махсуб мешаванд. Аз ҳамин лиҳоз, рисолаи илмии Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов» хеле ба маврид ва саривақтиву мубрам мебошад, зеро паҳлӯҳои лингвистиву тахассусии асарҳои пурарзиши донишманди маъруф Ҳ. Зоҳидов то ҳанӯз ба таври кофӣ ва густурда мавриди пажуҳиши донишмандони забоншинос қарор нагирифтааст ва дар ин роҳ рисолаи номзадии муҳаққиқи ҷавон иқдоми нахустин ва устувор ба шумор меравад.

Бори аввал дар пажуҳиши мазкур хусусиятҳои лексикиву семантикӣ ва услубии таркиби луғавии асари номбурда ба сифати сарчашмаи муътамади рушду инкишоф, ғанӣ гаштан ва ташаккул ёфтани системаи истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ мавриди муоинаву ташхис қарор гирифтааст. Таҳлили маводи фаровони асар имкон додаст, ки таърихи тавлид ва таҳаввулу ташаккули истилоҳоти тиббии забони тоҷикӣ муқаррар ва тарзу усул ва қолабҳои асосии истилоҳсозии ин соҳаи илм дар мисоли як асари алоҳида муайян карда шавад.

Сохти рисола ва усули пажуҳиши муҳаққиқ дар ҳаллу фасли масъалаҳои дар пеши худ гузоштаи муаллиф мусоидат мекунанд. Рисола аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, бозёфти илмӣ ва аҳамияти актуалии мавзуи рисола оварда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, усулҳои пажуҳиш, аҳамияти назариву амалии кор хеле муфассал баён шудааст. Муҳаққиқ нуқтаи назари муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла забоншиносони ватанӣ М. Қосимова, Д. Саймиддинов, С. Назаразода, М.Ҳ. Султон, А. Юсуфов ва Ш. Ҳаитова рус- Д. Лотте, А.А. Реформатский, Л. Пейсиков, Ю. А. Рубинчик, эронӣ-М. Муин, М.Т. Баҳор ва ғайраро оид ба мавзуи мазкур баррасӣ

ва таҳлилу таҳқиқ намуда, андешаҳои худро ҷиҳати ин ё он масъалаи мавриди баҳс мустақилона иброз доштааст.

Боби якуми рисола «Масъалаҳои назариявию амалии истилоҳнигорӣ ва хусусиятҳои сохтории истилоҳоти тибби суннатии халқи тоҷик» унвон гирифта, аз 2 фасл ва зерфаслҳо иборат аст. Соҳибрисола дар фасли якуми боби аввал, ки «Омӯзиши иистилоҳоти илмӣ дар забоншиносии тоҷик» номгузорӣ шудааст, дар асоси маводи фаровони илмӣ оид ба мафҳуми «забони илм» ва масъалаҳои истилоҳшиносӣ ибрози назар кардааст. Зикр кардан ба маврид аст, ки дар рисола дар баробари таҳлили фикру ақидаи намояндагони мактабҳои бузурги терминологии олам, аз ҷумла муҳаққиқони рус, дар рисола муодили арабии вожаи «термин», яъне калимаи «истилоҳ» дар забони арабӣ ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор дода шуда, яке аз ҷиҳатҳои хеле муҳими термин, созиш кардан (... мардум дар номгузории ягон ашёи нав ихтилоф намуда, сипас созиш намуда бар он номи ягона ниҳоданд, пас истилоҳ ба ин маъно созиш аст, ки имрӯз дар забоншиносии тоҷик ҳангоми истилоҳсозӣ чандон ба эътибор гирифта намешавад, таъкид шудааст.

Муаллиф фасли дуюми боби аввалро «Маълумоти мухтасар дар бораи манбаъҳои осори тиббии Ҳомид Зоҳидов» ном гузошта, дар хусуси таърихи ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти илмии забони тоҷикӣ маълумот дода, ба қадимтарин сарчашмаҳои илмӣ, ки муаллиф аз онҳо истифода намудааст, махсусан асарҳои тиббиву фармасевтии бо забони тоҷикӣ таълифшуда маълумот дода, баъзе ҷиҳатҳои тахассусии асарҳои «Муҳити аъзам»-и табиби асри XIX Муҳаммад Аъзамхон, «Илоҷ ул ғурабо»-и Ҳаким Ғулом Имом (қабл аз асри XIX), «Қарободини кабир» -и Муҳаммад Ҳусайн Оқилӣ (асри XIX), «Махзан -ул -адвия»-и Ҳусайн Оқилии Аоавии Хуросонӣ, «Туҳфат-ул-муъмин»-и Ҳаким Сайид Муҳаммад Муъмини Танкобанӣ (асри XYIII) ва ғайраро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар фасли сеюми ин боб, ки бо номи «Сохт ва вижагиҳои «Канзи шифо»-и Ҳомид Зоҳидов» ёд шудааст, соҳибрисола дар бораи муаллиф ва асари ӯ маълумот дода, дуруст таъкид мекунад, ки аҳамияти ин асар на танҳо дар илми фармасевтӣ, балки дар забоншиносӣ, махсусан дар бахшҳои маънишиносӣ ва решашиносии ( этимологияи) калимаҳо низ аҳамияти бешоиба дорад. Тавре ки дар рисола зикр шудааст, китоби «Канзи шифо» аз пешгуфтор, муқаддима ва се боб иборат буда, дар маҷмуъ оид ба хислатҳои 322 навъи даво маълумот медиҳад, ки аз наботот, ҳайвонот ва маъданҳо таҳия шудаанд.

Дар фасли 4-уми бобби авали ирисола, ки «Маълумот дар бораи луғати тиббии «Хазинаи тибби қадим» сохтор ва хусусиятҳои он» унвон дорад, Дар ибтидо соҳибрисола оид ба сарчашмаҳои илмии «Хазинаи тибби қадим» сухан ронда, таъкид мекунад, ки муаллифи «Хазинаи тибби қадим» аснгои таълифи асараш аз маводи асарҳои «Муҳити аъзам»-и Муҳаммад Аъзамхон, «Илоҷ ул ғурабо»-и Ҳаким Ғулом Имом, «Қарободини кабир» -и Муҳаммад Ҳусайн Оқилӣ, «Махзан -ул -адвия»-и Ҳусайн Оқилии Алавии Хуросонӣ, «Туҳфат-ул-муъмин»-и Ҳаким Сайид Муҳаммад Муъмини Танкобанӣ ва ғайра истифода намудааст.

Дар ҳамин ҷо оид ба сохтори асар сухан ронда, бо такя бар ақидаҳои эроншиносони маъруфи рус Ю.А. Рубинчик ва Л.С Пейсиков мавҷуд будани панҷ усули калимсаозии асарро нишон додаст. Аммо муаллифи рисола дар заминаи таснифи забоншиноси маъруф Ш. Рустамов, ки 4 роҳи калимасозии забони тоҷикиро зикр намудааст, истилоҳоти дар асар овардашударо ба 4 гурӯҳ: сода, сохта, мураккаб ва ибораҳои истилоҳӣ ҷудо кардааст.

Дар фасли дигари ҳамин боб, ки «Усули сарфии истилоҳсозӣ» ном дорад, масъалаҳои калимасозӣ тавассути вандҳо таҳлилу таҳқиқ шудааст. Бояд зикр кард, ки дар асар мисли соир осори илмӣ

пешвандҳои истилоҳсоз ба нудурат дида мешаванд ва тавассути пасвандҳои гуногун сохтани истилоҳот нисбатан маъмултар аст. Оид ба вандҳои калимасоз сухан ронда, гуфта шудааст, ки дар асари мазкур бо истифода аз пешвандҳои зерин вожаҳо –истилоҳот сохта шудаанд: **ба-** (батамом ); **бар-** (бардамидан, бардавом); **бо-** (бошиддат, боэҳтиёт); **бе-** (беҳузур, безаҳр); **но-** (ноҳамвор, ночор); **ҳам-** (ҳамнафас).

Ба андешаҳои муаллифи рисола яке аз роҳҳои асосии истилоҳӣ дар забони тоҷикӣ-форсӣ ин пасвандҳо мебошанд, ки чӣ дар осори илмиву бадеии классикӣ ва муосир ба дараҷаи фофир истилоҳот ва вожаҳо рӯйи кор омадаанд, аз чумла: пасванди **–а,** (нохуна, обкома) ва бо варианти он **–я** низ як вожа сохта шудааст (пошӯя); пасванди **–ак** (оташак, ҳиккак, часпак, кунҷидак), тавре зикр шудааст. ин пасванд аз вожаҳои аслии тоҷикӣ истилоҳ сохтааст. Пасванди **–ӣ** дар ин маврид нисбатан сермаҳсултаро аст: хушкӣ, талхӣ, бӯстонӣ, тарӣ, пӯстпартоӣ ва ғайра. Пасвандҳои дигар, аз қабили –иш (гувориш, хориш, сӯзиш), -нок (чарбнок, боднок), - дон ( пешобдон, бачадон, ширдон) низ дар асар зиёд ба назар мерасанд, вале пасвандҳои –гоҳ (холигоҳ, тиҳигоҳ) ва –ок (сӯзок) каммаҳсул ҳастанд.

Муаллифи рисола таҳти унвони «Усули наҳвию сарфии истилоҳсозӣ» масъалаҳои истилоҳоти мураккаби асарҳои мавриди зикрро ба риштаи таҳқиқ кашида, иброз доштааст, ки ин масъала аз тарафи донишмандон В.С Росторгуева, Ж. Лазар, Т.Д Чхеидзе, Ю.А. Рубинчик ва Л. Пейсиков таҳқиқ шуда 7 роҳи вожасозии мураккабро зикр кардаанд. Дар забоншиносии тоҷик бошад, муҳаққиқон Ш. Рустамов , Д. Саймиддинов ва М.Ҳ. Султон таҳқиқот анҷом дода 5 роҳро нишон додаанд, ки муаллифи рисола низ бо такя кардан бо ин ақида вожаҳои мураккаби асарҳоро тасниф ва таҳлилу таҳқиқ кардааст.

Дар фасли дигари ҳамин боб масоили назариявӣ ва амалии усули наҳвии истилоҳсозӣ баррасӣ шуда, муаллифи рисола истилоҳоти мавҷудаи асрҳои зикршударо чун ин гурӯҳбандӣ намудааст: 1) ибораистилоҳоти исмӣ- буҷулаки пой, гули чашм, даҳани рагҳо, фишори хун ва ғ.; 2) ибораистилоҳоти изофӣ аз исму сифат – қулинҷи бодӣ, балғами шӯр, дуруштии ҳалқ ва ғ. 3) ибораистилоҳот аз исм ва сифати феълӣ ва бо роҳи изофӣ сохташуда –дандонҳ кимхӯрда ва дандони кирмхӯрдаро, кушояндагии рагҳо ва ғ.; 4) ибораистилоҳоти ғвйриизофӣ аз –аз дарун хунравӣ ва ғ.

Аммо аз чӣ сабаб бошад, ки муаллифи рисола дар ҳамин фасл оид ба ифодаи маъноии ибораистилоҳот сухан рондааст, ки аз доираи мавзуи ин боби рисола берун аст ва дар бобҳои дигар мавзуи мазкур баррасӣ мегардад ва ба андешаи мо ин қисми матлаб ноҷо ва зиёдатист. Дар охири боб, соҳибрисола дар 7 банд натиҷаҳои пажӯҳиши хешро дар шакли хулоса ҷамъбаст намудааст.

Боби дуюми рисола «Таснифоти истилоҳоти тиббии китоби «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» аз 5 фасл таркиб ёфта, ба масоили истилоҳоти тиббии марбут ба бемориҳо, истилоҳоти марбут ба номи аъзои бадани инсон, истилоҳоти тиббии марбут ба номи ахлот, рутубат ва моддаҳои бадани инсон, истилоҳоти марбут ба номи давоҳо, истилоҳоти марбут ба роҳҳои табобат, истилоҳоти марбут ба номи мавҷудоти ангал (муфтхӯр, паразит) дар аъзои бадани инсон, истилоҳоти марбут ба воҳидҳои ченак, истилоҳоти марбут ба номи олотҳо ва зарфҳои зарурӣ барои тайёр кардани доруҳо бахшида шудааст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки ин боб яке аз бобҳои асосии рисола буда, тамои истилоҳоти асарҳои мавриди таҳқикро аз лиҳози ифодаи маъно ва мавзуъ мавриди баррасӣ қарор додаст. Дар оғоз истилоҳоти ифодакунандаи номи бемориҳо ташхис шуда, баён шудааст, ки дар бештари мавридҳо ин бахш аксар вақт як мафҳум бо якчанд вожа

ифода мешавад, ба монанди худи калимаи беморӣ ва муодилҳои он дард, иллат, мараз, ранҷурӣ, доъ ва ғ.

Гуфтан ба маврид аст, ки дар рисола далелҳо, яъне номи бемориҳо оварда шуда, хусусиятҳои истифодаи онҳо дар асарҳои мавриди таҳқиқ шарҳу тавеҳ дода нашудааст, маълум намешавад, ки аз ҷиҳати сохт ва этимология чӣ бартарӣ дорад. ин равиши кор дар бахшҳои дигар низ ба мушоҳида мерасад. Ҳангоми истифодаи вожаҳои ифодакунандаи номи аъзои бадан муаллифи рисола хеле ба маврид қайд кардааст, ки вожаҳои нави аслии тоҷикиро, ки дар тибби суннатӣ дида намешаванд, муаллиф ба таври вофир истифода намудааст, ба монанди истилоҳоти чакка, пешонӣ, майна, гурда, хичак, мушак ва ғ.

Истилоҳоти марбут ба номи давоҳо фарогири истилоҳоти асливу арабӣ буда, дар рисола ба 3 қисм карда шудааст: давоҳои ҳайвонӣ. наботӣ ва беҷон. дар гурӯҳи якуми давоҳо одамон, олами ҳайвонот ва аносири бадани инсонро дохил кардаанд. Масалан, оби даҳани инсон, кирми лойхӯрак, суми хар, мумии занбӯри асал ва ғ. Гурӯҳи дигари истилоҳоти ифодакунандаи давоҳо номи растаниҳо ва гиёҳҳову таркиби онҳо мебошад, ба монанди реша, поя, ширaи растанӣ, лиф шилм ва ғ. дар асар номи чандин растанӣ ва гиёҳҳои шифоӣ ба назар мерасанд, ба монанди гандуми девона, газна, сагангур, банги девона, гандано вағ. ки пайдоиши тоҷикӣ доранд. Ҳамчунин гиёҳҳо бо номе ифода шудаанд, ки имрӯз дар байни намояндагони забони тоҷикӣ маъмулу серистеъмол ҳастанд, ба монанди духтаргазак, сӯзанкаҳ, беъреша, саломалек, чоқулазуф, ҷамилак ва г. дар гурӯҳи давоҳои ба истилоҳ «беҷон» ашёи ғайризиндаи табиат, ба монанди обу хок ва минералу кристаллҳо дохил карда шудаанд. Дар ин қисм ҳам истилоҳоти дар тибби суннатӣ мавҷудбуда (ба монанди гил, зок, ақиқ, рим) ва хам истилоҳоти тибби муосири тоҷик ба кор бурда шудаанд (ба монанди оби гарм, оби хокистар оби гарм ва ғ).

Муаллифи рисола инчунин ба вожаҳои ифодакунандаи роҳҳои муоличаи беморон низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз вожаҳои арабии ҳуқна, ҳиҷомат, фас два вожаҳои аслии тоҷикии ошомидан, хӯрдан, чаконидан, аз таг бардоштан ва ғ. ёд кардааст. Яке аз бахшҳои ҷолиб ва муфиди ин бобби рисола мавқеи вожаҳои марбут ба ченак дар асарҳои таҳқиқшаванда аст. тибқи маълумоти омории муҳаққиқ дар китоби «Хазинаи тибби қадим» 120 номгӯйи воҳиди ченаку андоза ба кор бурда шудааст, ки ниҳоят ҷолиб аст. Дар «Канзи шифо» ин гурӯҳи истилоҳот камшумортар аст. Зикр бояд кард, ки , ки Муаллифи рисола бо иқтибос аз асарҳои мавриди таҳқиқ баъзе истилоҳоти ифодакунандаи ченаку андозаро бо шарҳашон пешниҳод намудааст. Ба монанди дирҳами тиббӣ –миқдори вазнест иборат аз 2,52 грамм аст (саҳ.77). дар ин радиф бо истифода аз вожаи дирҳам чандин истилоҳи ифодакунандаи ченаки вазн сохта шудааст, ба монанди дирҳами ноқис (3,86 грамм), дирҳами том (4,25 грамм). Ба андешаи мо ин бозёфти муҳаққи мебошад ва ба шарҳу тафсир ва таҳқиқи доманадортар ниёз дорад, зеро дар ҳама осори тиббии ниёгон ва имрӯз низ мавзуи истифодаи ченакҳои вақту замон, вазн, масофа ва ғайра кам таҳқиқ шудаанд. Дар рисола миқдори кофии ченаку андоза баррасӣ шудааст, ба монанди динор (4,5 донг+=2,34 грамм), боқило (боқилои юнонӣ, боқилои искандария, боқилои мисрия), манн (манни ҳиндӣ, манни антолиқӣ, манни маккӣ, манни оламгирӣ, манни румӣ, манни табризӣ, манни шаръӣ, манни Самарқанд, мани Табрез) ва ғайра. Дар ниҳояти ин боб муаллифи рисола натиҷаҳои пажӯҳишашро мухтасаран дар ҳафт банд ҷамъбаст намудааст.

Дар боби хотимавии рисола «Истилоҳоти тиббии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» аз ҷиҳати баромад» муаллиф аввал мавқеи истифода ва хусусиятҳои луғавию сохтории калимаҳои аслии тоҷикииро таҳлил намудааст. Дар асарҳои мавриди таҳқиқ вожаи тоҷикии бод (бодҳои рӯдаҳо, боди бачадон, боди хичак) муодили истилоҳи арабии «илтиҳоб» гуфта шудааст (илтиҳоби шадиди рӯдаҳо),

оё ин дуруст аст, дар ин маврид назари диссертант номуайян мебошад. Ин фасли калонтаринирисола маҳсуб шуда, микдори зиёди истилоҳоти асловарда ва таҳлилу ташхис карда шудаанд. Аммо дар ин ҷо система вуҷуд надорад, яъне мураттаб ва муназзамии (ё аз лиҳози алифбо, ё ифодаи маъно ё сохт) баррасӣ дида намешавад.

Ба мавзуи истилоҳоти арабии «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» дар рисола боби махсус чудо карда шуда, дар аввал оид ба назарияи иқтибос ва роҳҳои иқтибосшавии вожаҳо, мавқеи калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ дар истилоҳсозиву истилоҳгузинии осори тиббӣ маълумот дода шудааст. Дар рисола навъҳои иқтибоси вожаҳои китобҳои «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» бо мисолҳои фаровон ва аз лиҳози илмӣ хеле ҷолиб таҳлилу ташхис шудааст. дар бештари мавридҳо диссертант бо истифода аз усули қиёс бартарӣ ё нуфузи истифодаи ин ё он истилоҳро дар асарҳои зикршуда муайян кардааст, ба монанди мараз ва шакли ҷамъи он амроз ва вожаи аслии беморӣ, алам ва ваҷаъ, барад ва жола ва ғ.

Вожаҳои арабӣ дар иифодаи номи бемориҳо (саратон, ханозир, саръ, фолиҷ), ифодаи номи аъзои бадан (меъда, фарҷ,ҳалқ. мақъад) , номи гиёҳҳо ва давоҳо (асал, асир, наъно, марҳам, ҳабб, ҳилтит қатрон ва ғайра) низ зиёд ба назар мерасанд. Ин гурӯҳи истилоҳот аз ҷиҳати сохтор низ баррасӣ шуда, қайд карда мешавад, ки истилоҳоти муараккаб дар шакли аслии арбаиашон иқтибос шудаанд, ба монанди ирқуннасо, зотулҷанб, зиқуннафас, касирулаъзо, ҳаҷаруляҳуд ва ғайра. Дар қисмати дигари рисола мавқеи истифодаи вожаҳои юнонӣ дар ин ду асар баррасӣ ва таҳлил шуда, зикр мешавад, ки онҳо асосан барои ифодаи номи амроз (амуридус, ахилус, нроё (муарраби гангрена), молихулиё, заёбитус, абурасмо, иловус ва ғайра), номи аъзои бадан (акҳал, диёфрағмо, қифол), номи адвия (афюн, диёқудо, иқлимиё, тарёқ), ченаку андоза (убулус (0,57гр.), уксубофун (2,52 гр.) ба кор рафтаанд. Тавре ки ба назар расид, истилоҳоти тиббии юнонӣ дар

асарҳои мавриди назар нисбат ба дигар асарҳои тиббии қаблӣ фаровонтар буда, муаллифи асарҳо истилоҳоти юнониро бо қавоиди овозии забони арабӣ мутобиқ намуда, ба кор бурдааст, монанди опиум- афюн, костус –қуст, диафрагма –диёфроғмо) ва ғ.

Диссертант истилоҳоти иқтибосии забонҳои дигарро низ ҷудо ва таҳлилу ташхис кардааст, чун калимаҳои туркӣ ба монанди номи бемориҳо (буғма, кӯтур), номи гиёҳу даво (қурғошим, аччиқтош, юнучқа), ҷонварон (қурбоққа,эчкиэмар); калимаҳои суриёнӣ–атруфиё , атруқо, суборокоҳил (миёни ду китф), ҳиндӣ –пилпил, балила, чаҳоча, мурч, нилуфар, тамр, қанд,рупия.

Тамоми натиҷагириҳои муаллиф ва мазмуну мундариҷаи рисола ба таври илмӣ ва мухтасар баён гашта, дар маҷмӯъ хулосаи диссертатсия натиҷаи тадқиқоти Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович ро пурра таҷассум мекунад. Феҳристи адабиёти илмӣ, луғатҳо, маъхазҳо тибқи талаботи мавҷуда оварда шудааст.

Рисола бо забони суфта ва равони илмӣ таълиф гардида, матолиби мавриди назар хеле мушаххас, илмӣ ва дақиқ баён шудаст. Муҳокимарониҳои олими ҷавон қотеъ буда, дар баъзе мавридҳо ба ақидаҳои мавҷудаи донишмандон баҳс намуда, пешниҳод ва назари маъқули илмии хешро баён сохтааст. Дар рисола маводи хеле фаровони «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» таҳлилу ташреҳ ва қиёс шудаанд.

Дар ин ҷо, мо аз муфассал зикр намудани тамоми комёбиву дастовардҳои муаллифи рисола худдорӣ карда, дар хусуси баъзе аз норасоиҳои ҷойдоштаи рисола таваққуф мекунем:

1. Дар саҳифаҳои 3, 9, 20, 25, 31, 77, 132 хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва пунктуатсионӣ ба назар мерасад.
2. Аз тарафи муаллифи рисола чӣ гуна асар будани «Канзи шифо» ва «Хазинаи тибби қадим» мушаххас карда

нашудааст, дар як ҷо «асари тиббӣ, яъне илмӣ (саҳ. 21) ва дар ҷои дигар, аввалин луғати тафсирии тиббӣ» (саҳ. 25) номидааст.

3. Муаллифи рисола ин ду асарро «аввалин луғати тафсирии тиббӣ» гуфтааст, ки андешаи баҳсбарангез аст, охир тамоми он осри тиббии фармасевтии ниёгон, сар карда аз «Ат-танвир»-и Қамарӣ, «Ҳақоиқ-ул-адвия»-и Мавaффақи Ҳиравӣ, «Сайдана»-и Берунӣ дар ҳамин услуб таълиф шудаанд.

4. Калимаи «даво» дар як маврид аслии тоҷикӣ (ҷузъи онҳо калимаҳои аслиан –захмҳои бодаво) ва дар мавриди дигар иқтибосӣ нишон дода шудааст ( ҳарду ҷузъ иқтибосӣ – давои матадахин).

5. Муаллифи рисола бо такя ба андешаи муаллифи китобҳои таҳқиқшуда калимаи барсомро юнонӣ пиндоштааст, ки ба андешаи мо чандон саҳеҳ нест Дар «Захираи Хоразмшоҳӣ» қайд шудааст, ки « Саромос лафзи порсӣ аст, ҳамчун барсом аз баҳри тон ки бар «сина» ва сом «омос» аст, яъне омоси азалаҳои бару сина ва сарсом, яъне «омоси сар».

6. Агар ҳангоми таҳқиқи вожаҳои аслии тоҷикӣ (Боби 3.1) система ва ё принсипҳои таҳлилу ташхис риоя мешуданд, беҳтар мебуд.

Эродҳои зикршуда, чандон арзиши принсипалӣ надоранд ва дастовардҳои илмии муҳаққиқро намекоҳонанд, зеро рисолаи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов» (ҷанбаи лингвистӣ) як таҳқиқоти анҷомёфтаи пурарзиш аст. Натиҷагириҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои судманди муҳаққиқи ҷавон дар роҳи омӯзиши минбаъдаи бахшҳои истилоҳу истилоҳшиносӣ, омӯзишу пажуҳиши осори илмии классикон ва рушду нумӯи забони форсӣ -тоҷикӣ мусоидат хоҳад кард. Ба назари мо,

рисолаи мавриди назар барои мутахассисон ва донишҷӯёни бахши филология дастури пурарзише хоҳад шуд.

Фишурдаи рисола муҳтавои рисоларо дар бар гирифта, нуктаҳои асосии назариявию амалии муаллиф дар мақолаҳои нашршудааш таҷассум ёфтаанд.

Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31-33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудаст, мувофиқ мебошад. Хулоса, баъд аз мутолиа ва таҳлили рисолаи рисолаи Ҳусанбоев Нодир Абдулҳамидович дар мавзуи «Истилоҳоти тиббии осори Ҳомид Зоҳидов» (ҷанбаи лингвистӣ), банда ба сифати муқаррizi расмӣ иброз медорам, ки рисолаи мазкур дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шуда, муаллифи он сазовори дараҷаи номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.21 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқаррizi расмӣ,
дотсенти кафедраи забони тоҷикии
МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»,
номзади илмҳои филология Юсупов Абдулло Исмоилович

Сана: 14.12.2023
Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 139,
МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»
Тел: (+992) 985 63 64 65

Имзои Юсупов Абдулло Исмоиловичро тасдиқ мекунам,

Сардори раёсати рушди кадрии
МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ
ибни Сино» Сафаров Б.И.

МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»
ГОУ «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино»
РАЁСАТИ РУШДИ КАДРИ
УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ